«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
__________ Ибодзода З.Ҳ
аз «18» 01 соли 2021 № 01

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА ШӮРОИ ЭКСПЕРТИИ БАЙНИКАФЕДРАВӢ ДОИР БА ФАНҲОИ БЕМОРИҲОИ ДАРУНӢ, СИҲАТИИ ҶОМЕА ВА ТАНДУРУСТИИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ -ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

Дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ ҳамчун мақомоти машваратӣ созмон дода мешавад.

Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ сохтори илмию ҷамъиятии донишкада буда, доир ба масъалаҳои рушди бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишкада мутобиқи Низомномаи мактаби олӣ ва Низомномаи мазкур фаъолият менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Тартиби созмон ва ташкили фаъолияти Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустии донишкада мутобиқи Низомномаи мазкур ба роҳ монда шуда, он аз тарафи Шӯрои олимони донишкада баррасӣ гашта баъди маъқул шумориданаш бо фармоиши ректори донишкада тасдиқ карда мешавад.

1.2. Шӯрои экспертии байникафедравии донишкада оид ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ ҳамчун сохтори илмиву методӣ ва ҷамъиятиву машваратии доимо амалкунандаи донишкада ба ҳисоб рафта, сифат ва мӯҳлати таҳқиқотҳои илмии иҷрошударо доир ба самтҳои афзалиятноки илми тиб ва тандурустӣ, инчунин кормандони алоҳидаи донишкада, коллективҳои илмии

муваққатан созмон ёфта ва факултетҳои донишкада ташхис менамояд.

1.3. Ҳайати Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ аз ҳисоби мутахассисони асосии бахши дахлдори илм, ки дорои дараҷаи илмии доктори илми тиб, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ё номзади илми тиб ва дорои унвонҳои илмии дотсент ё профессор мебошанд, таҳия шуда бо фармоиши ректори донишкада тасдиқ карда мешаванд.

Шумораи аъзои Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ аз ҳисоби адади тоқи аъзоёни он ба миқдори аз 11 то 25 нафар ташкил дода мешавад. Раиси Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ тибқи фармоиши ректори донишкада аз ҷумлаи ҳайати профессорону олимони донишкада, ки дорои дараҷаи илмии доктори илм буда, тасдиқ карда мешавад. Инчунин бо фармоиши ректори донишкада аз шумули аъзоёни Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ муовини раис ва котиби Шӯро тайин карда мешаванд.

1.4. Ба муддати як сол мӯҳлати фаъолияти раис, муовин, котибот ва ҳайати дигари Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ тасдиқ карда мешавад. Нақшаи кории Шӯрои экспертии байникафедравӣ доир ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ ҳар сол дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада баррасӣ гардида, баъди дастгирии Шӯрои олимон бо фармоиши ректори донишкада тасдиқ мегардад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Шӯрои экспертии байникафедравӣ

2.3. Дар чорчубаи илми тибби собиткунанда ва ислоҳоти гузаронидашудаистодаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои самарабахши илмӣ ва воситаҳои техникӣ ташкил ва баланд бардоштани сифати банақшагирӣ ва иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

2.4. Баҳодиҳии экспертии нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра ва курсҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ, дигар сохторҳои зертобеъи донишкада, инчунин шуъбаҳо ва аъзоёни алоҳидаи он, маҷмӯи корҳои илмӣ-таҳқиқотии коллективҳои илмии

муваққатӣ, корҳои илмии шартномавӣ, ки барои маблағгузории ғайрибуҷетӣ ва ҳамчунин корҳои илмӣ-таҳқиқотии ташаббускор пешниҳод гашта.

2.5. Баҳодиҳии экспертии рисолаҳои номзади ва доктории ба нақшагирифтаи аспирантҳо, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, докторантон ва унвонҷӯён.

2.6. Ҳисоботи давравӣ, экспертизаи сифати иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷамъбасти он. Экспертизаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқотҳои ба даст омада ва мувофиқат намудани онҳо ба маводҳои аввалия.

2.7. Рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишкада бо назардошти раванди илмиву техникӣ ва тибқи зарурияти пешниҳоди онҳо ба мақомоти болоӣ.

## 3. Фаъолияти Шӯрои экспертии байникафедравӣ

3.1. Шӯро тибқи нақшаи тасдиқгардида фаъолияти худро ба роҳ монда ҳар моҳ як маротиба ҷаласа гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо розигии муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишкада метавонад ҷаласаҳои ғайринақшавӣ низ гузаронад.

3.2. Муҳокимаи масъалаҳо бо маслиҳат дар пояи ошкорбаёни гузаронида шуда, қарорҳои муҳим ба тарзи овоздиҳии кушода бо бештарии овозҳо ҳангоми мавҷуд будани кворум қабул карда мешавад.

3.3. Кворум ҳангоми иштирок доштани аз 2/3 ҳиссаи аъзоёни ҳайати Шӯро барпогардида ҳисобида мешавад. Мутахассисони ба таври иловаги даъватшуда ҳуқуқи овози машваратиро доранд.

3.4. Ҷаласа дар зери роҳбарии раис бо ёрии бевоситаи ҷонишинаш гузаронида шуда, суратҷаласаи он аз тарафи котиб сабт мегардад.

3.5. Дар ҳолати дар ҷаласа дида баромадани масъалаи мавзӯи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра (курс), тасдиқи ҳисоботҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳимояи пешакии рисолаҳои аспирантон, докторантон, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ё унвонҷӯёни ба раис ва ҷонишини ӯ вобаста буда, наметавонанд вазифаи раисикунандагиро (ҷонишиниро) иҷро намоянд. Дар чунин ҳолатҳо раис ё ҷонишини он аз ҳисоби аъзоёни доимии Шӯрои экспертии байникафедравӣ оид ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ ба таври овоздиҳии кушод интихоб карда мешавад.

3.6. Ба аъзоёни Шӯрои экспертии байникафедравӣ оид ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ огоҳинома ба

рузномаи ҷаласаи навбатии он на камтар аз 5 рӯз, ҳангоми ҳимояи пешакии кори диссертатсионӣ 14 рӯз пеш аз вақти муайянгардида фиристода мешавад. Ҳуҷҷатҳои барои баррасӣ дар ҷаласаи Шӯро пешниҳодшаванда бояд ба котиб 10 рӯз пеш аз саршавии ҷаласаи навбатӣ пешниҳод гардад.

3.7. Дар як ҷаласаи Шӯрои экспертӣ гузаронидани на зиёда аз 2 экспертизаи аввалияи корҳои диссертатсионӣ иҷозат дода мешавад.

3.8. Дар хулосаи комиссия оид ба таҳлили сифати кори диссертатсионӣ инҳоро бояд инъикос намуд:

3.8.1. Муҳимияти кори иҷрошуда, аз кадом ҳисоб масъала ё вазифаи дар диссертатсия коркардашуда зарур шуморида мешавад, ҷамъбасти таҷрибаи амалӣ, пешомади он ба ҳисоб гирифта шудааст ё не?;

3.8.2. Баҳодиҳии дараҷаи асоснокии мавқеи илмии хулосаҳо ва тавсияҳо, ки дар диссертатсия мухтасар ифода ёфтаанд, саҳеҳии онҳо ва навигариҳои таҳқиқот;

3.8.3. Аҳамияти натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифи диссертатсия барои бахшҳои илм ва амалия, баҳодиҳии мувофиқати мазмуни диссертатсия аз рӯйи ихтисосе, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, баҳодиҳии сифатӣ ба расмият даровардани (ороиши) диссертатсия ва автореферат, услуб ва забони баён ва ғайра.

Дар хулоса бояд тавсияҳои аниқ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва хулосаи кори диссертатсионӣ бо нишондоди муассиса ва ташкилот, ки дар он ҷо бомақсад ҷори карда мешаванд, инчунин нишон додани коллективҳои илмие, ки бояд таҳқиқотҳои мувофиқро давом ё инкишоф диҳанд, мавҷуд бошад. Хулоса бо мувофиқати диссертатсия ба талаботи банди 163 ва ё 164 боби 10 тартиби дарёфти дараҷаҳои илмии номзадони илм ва ё докторони илми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардида, хотима меёбад.

3.9. Хулоса оид ба экспертизаи аввалия бояд аз тарафи раиси Шӯрои эксперти байникафедравӣ оид ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ ва котиби он имзо карда шуда, аз ҷониби муовини ректор оид ба илм ва инноватсия бо муҳри нишондори донишкада тасдиқ карда шавад. Қарори Шӯро (хулоса) бо тарзи овоздиҳии кушода аз ҷониби бештари аъзоёни комиссияи дар ҷаласа иштирок дошта, қабул карда мешавад.

3.10. Аспирант, докторант, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва унвонҷуй ҳуқуқ дорад, ки тибқи аризаи хаттиаш диссертатсия (аннотатсияи мавзӯъ)-и диссертатсияро аз муҳокима (тасдиқ), ки то ибтидои овоздиҳии кушода дода шудааст, гирад.
3.11. Бо хоҳиши онҳо раиси комиссия метавонад апробатсия (тасдиқи мавзӯъ)-и диссертатсияро ҳангоми тақризҳои манфӣ низ таъмин намояд.

## 4. Ҳуқуқҳои Шӯрои экспертии байникафедравӣ

4.1.Ворид намудани тавсияҳо барои тасдиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, роҳбари (мушовири) илмӣ ва мӯҳлати иҷрои онҳо, ирсол намудани корҳо барои тақризи дохилӣ ва берунӣ.
4.2.Гузаронидани баҳодиҳии сифати онҳо ба тарзи таҳлили комиссионии ҳуҷҷатҳои дархостнамуда ва аввалия, назорат намудани давраҳои таҳқиқот.
4.3. Назорати воридоти технологияи муосир ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди илм, таълими кафедра (курсҳо) ва табобат инчунин сохторҳои зертобеъи донишкада ва шуъбаҳои он, пойгоҳҳои клиникии онҳо ва дигар шуъбаҳо.
4.4. Ирсол намудани маводҳои илмӣ-методӣ, монографияҳо барои баррасии Шӯрои нашриёти-таҳририи раёсати Шӯрои тиббӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
4.5. Ҷалб намудани мутахассисони соҳаҳои ба ҳамдигар ҳамшабоҳат ва асосӣ аз Пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар муассисаҳои таълимоти олӣ барои таҳлили сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотии тибқи роҳхати шуъбаи илм ва инноватсияи донишкада ба анҷом расида.

## 5. Ухдадориҳои Шӯрои экспертии байникафедравӣ

5.1. Дида баромадани саривақт пешниҳод намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, қисмҳои он ва давраҳои алоҳидаи таҳқиқот, инчунин ҳисоботҳои онҳо барои баррасӣ ва мувофиқа.
5.2. Ҳисоботи аспирантон, докторантон, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, масъулони иҷрочии мавзуъ, роҳбарони илмии онҳо ва қабул намудани қарор нисбати онҳоро баррасӣ менамояд.
5.3. Тибқи роҳхати шуъбаи илм ва инноватсияи донишкада таҳия намудани ҳуҷҷатҳои суратҷаласа ва пешниҳод намудани иқтибос аз он ба шахсони муроҷиатнамуда.

5.4. Иштирок дар экспертизаи маводҳои аввалияи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраю курсҳои донишкада ва шуъбаҳои табобатӣ-пешгироии он оид ба рисолаҳои илмӣ.
5.5. Гузаронидани экспертизаи аввалияи корҳои илмии анҷом ёфта.

Низомнома дар ҳаласаи Шерои олимони донишкада «27» январи соли 2021 (суратҷаласаи №7/7) баррасb шуда, маъқул дониста шудааст.